# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба кори диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи "Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Масъалаҳои об ва истифодаи захираҳои обӣ, хусусиятҳо, шаклҳои зуҳур ва оқибатҳои он дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи навин дар системаи донишҳои муосир мақоми хосаро касб менамояд. Давлатдории шаклан ва мазмунан навро дар замони истиқлолгароӣ тақвият дода, Тоҷикистон ба доираи нави муносибатҳо бо мамлакатҳо ва минтақаҳои дигари олам дохил гардида, худро ба сифати актори мустақили муносибатҳои байналхалқӣ нишон медиҳад. Дар давраи муосир вазифаҳои асосии сиёсатро ҳалли моҷарои сиёсӣ ва баромадан аз ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ ва муваффақ гардидан ба дастрасии сулҳ ва ризоияти байни табақаҳои иҷтимоии ҷомеа ва неруҳои сиёсӣ ташкил медоданд. Чунин масъалаҳои мураккабтарин ва муқовиматборро ҳал гардонида, Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои дигари муҳими инкишоф рӯ овард. Пеш аз ҳама, ба амалӣ гардонидани ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба танзими муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, бахусус мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар мавриди масъалаҳои мушаххас, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба об ва захираҳои обӣ шурӯъ намуд. Ҳамин тарз ва сатҳи муносибатҳо рӯзмаррагии илмии мавзуи таҳқиқотии рисолаи С.З. Қувватзодаро ҳамчун кори илмии соҳаи махсуси донишҳо - гидрополитика муқаррар намуда, онро дар доираи донишҳои илмии муосир асоснок намудааст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ С.З. Қувватзода масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалияи ташаккул ва инкишофи сиёсат дар

бораи об ва шароитҳои истифодаи самараноки захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ, хосиятҳои умумӣ ва махсуси раванди мазкур, мақом ва ҷойгоҳи он дар раванди шароити низоми нави сиёсии олам мавриди таҳқиқот ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Дарёфти роҳу воситаҳои ҳал ва танзими масъалаҳои таҳқиқотии мазкур имконият медиҳанд, ки инкишофи мутаносиби кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад. Зарурати интихоби масъалаи сиёсат дар бораи об ва хусусиятҳои гуногуни он, ки хосияти фаромарзӣ доранд ба сифати мавзуи рисолаи диссертатсионӣ талабот ва дархостҳои таҳқиқи назария ва амалияи сиёсӣ, зарурати таҳқиқот ва таҳлил, дарки амиқ ва дарёфти ҳалли илмии масъалаҳои мураккаби инкишофи сиёсии Тоҷикистон, минтақаи Осиёи Марказӣ ва махсусиятҳои онҳо мебошанд. Таваҷҷуҳи махсус ба доираи муайяни масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ дар марҳилаи ҳозираи инкишофро омилҳои мухталиф муҳим мегардонанд. Дар байни онҳо таҳқиқи нақши объективӣ ва аҳамияти масъалаҳои таҳқиқшаванда дар раванди воқеии сиёсии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ арзиши хосаеро касб менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ мақом ва нақши сиёсат дар бораи об ҳамчун сиёсати соҳавӣ ва хусусиятҳои он дар раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи муосири мутамаддин дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ ҳамчун навъи махсуси равандҳои сиёсии муосири байналхалқӣ маънидод карда мешавад. Хусусияти хоси онро муваффақ гардидани субъектҳои сиёсии ҷомеа ба мақсадҳои худ тавассути истифодаи захираҳо ва омилҳои таъсиррасони ниҳодҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ. қоидаҳо ва меъёрҳои мавҷудаи рафтори одамон, бахусус рафтори сиёсии онҳо ташкил менамоянд. Муҳимтарин механизми ҳалли масъалаҳои фаромарзиро дар мавриди об ва истифодаи самараноки захираҳои обиро баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии ниҳодҳои иҷтимоӣ, институтҳои ҷамъиятӣ ва умумиятҳою гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар

ҳудудҳои маъмурию ҳудудӣ бо сатҳи хосаи шуур ва психологияи сиёсии онҳо ташкил менамояд.

Характер ва мазмуни мушаххаси давраи ҳозираи таҳия ва амалигардонии сиёсати давлатҳои Осиёи Марказиро дар мавриди об ва истифодаи дурусту оқилонаи онро махсусиятҳои системаи сиёсӣ, режими сиёсӣ ва низоми амалисозии ҳокимияти сиёсӣ ташкил менамоянд. Таҳлил ва хулосагирии давраи муосири таҳия ва амалигардонии сиёсати давлатҳои Осиёи Марказиро дар мавриди об дар доираи сиёсати таҳким ва такмили доираи васеи муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ва халқҳои минтақаи мазкур пайвасти бевосита доранд. Таҳлил ва натиҷагирии давраи кунунии муносибатҳои байниҳамдигарии мамлакатҳои минтақа восита ва омили муҳимтарини рушди равандҳои сиёсии созанда мансуб мегарданд. Чунин ҷиҳатро ҳолати дигар – натиҷаҳои мушаххас ва амиқи сиёсат дар бораи об, тартиби истифодаи захираҳои обӣ ва пайвасти онҳо бо мавқеи ҳукуматҳои миллӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои дигари инкишоф тақвият мебахшанд. Зеро фаъолияти онҳо чунин ҳолати сифатан нави муносибатҳои сиёсии байниминтақавиро инкишоф медиҳанд. Дар фаҳми стратегии масъала ҳамаи унсурони давраи муосири инкишоф ҳамчун раванди таҳия ва давра ба давра дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти қатъии сиёсӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳои минтақа ва ҳамгироии онҳо дар сатҳи сиёсати глобалӣ ба ҳисоб меравад.

Проблемаи таҳлил ва натиҷагирии таҳия ва амалисозии сиёсат дар бораи об ва истифодаи захираҳои обии минтақаро омӯхта, бояд таъкид намуд, ки он вобаста ба сатҳи инкишофи иқтисодию иҷтимоии халқҳо ва намояндагии иҷтимоии онҳо дар ҳокимияти сиёсӣ хусусиятҳо ва махсусиятҳои гуногунро касб менамояд. Воқеият он аст, ки масъалаи асосиро на проблемаҳои омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои падидаи табиию иҷтимоӣ ва навъҳою шаклҳои рушди он, балки дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари истифода аз он, муқаррар намудани принсипҳо,

меъёрҳо, воситаҳо ва шаклҳои позитивии ҳалли масъалаҳо ташкил менамоянд. Масъалаҳои назариявии сиёсати соҳавии об ва истифодаи самараноки захираҳои оби минтақа, тарз ва воситаҳои онҳо, ки ба сифати заминаи методологии сиёсати амалӣ баромад менамоянд бояд ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ ва хусусиятҳои давраи муосири муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳои минтақа ва вобаста ба низоми сиёсии олам мувофиқ бошанд. Омӯзиши амиқи сиёсати соҳавии давлатҳои минтақа дар мавриди об, моҳият ва қонуниятҳои инкишофи онҳо, дарки ҷойгоҳ ва таъсири онҳо ба махсусияти инкишофи ҷомеа аҳамияти калонро соҳиб аст. Зиёда аз ин, аз назари илмҳои сиёсӣ то ҳоло масъалаҳои мухталифи низоми истифодаи захираҳои обӣ дар шароити ҷомеаи навин, ки кори диссертатсионӣ ба сифати мақсади асосӣ қарор гирифтааст то ҳоло мавриди омӯзиш ва таҳлилу хулосагириҳои амиқ қарор нагирифтаанд. Маҳз ҳамин ҳолат интихоби масъалаи мазкурро ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудааст.

Масъалаҳои таҳқиқотӣ ба таври кофӣ дар сарсухани рисола асоснок гардидаанд. Онҳо ба таври зарурӣ дар 5 боб ва 13 зербоби кори диссертатсионӣ тавсифи илмӣ пайдо намуда, дар хулосаи рисола натиҷагирӣ гардидаанд. Инъикоси бевоситаи онҳоро дар тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пайдо намудан мушкилӣ надорад.

Муаллиф таҳқиқотро аз таҳқиқи назариявӣ ва методологии сиёсати об ва хусусиятҳои асосии он, сиёсати об ҳамчун сиёсати соҳавӣ ва хусусиятҳои асосии он дар низоми сиёсии олам оғоз намудааст. Пеш аз ҳама, ба ифодаҳои мафҳумӣ, моҳият ва хусусиятҳои он таваҷҷуҳи хоса ба миён омадааст. Дар кори таҳқиқотӣ ба таври мукаммал мафҳумҳое, ба монанди сиёсати об, дипломатияи об, низоъҳои обӣ, гидрополитика, мушкилоти об, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, дарёҳои фаромарзӣ, истифодаи самараноки захираҳои об, ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи об, ҳифзи пиряхҳо, гидроэкология, гидродонор,

давлатҳои болооб, давлатҳои поёноб ва ғайра мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор гирифта, фаҳми гуногуни онҳо матраҳ гардидаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқотҳои олимоне дода мешавад, ки ба масъалаи мазкур муносибати хосаро пеш гирифтаанд. Муҳаққиқон дар тамоми давраи рушди таърихӣ ба саволҳо дар бораи масъалаҳои гуногуни раванди об ва истифодаи захираҳои он, масъалаҳои гуногуни пайваста ба он ҷавоб ҷустанӣ мешаванд. Онҳо на танҳо дар бораи моҳияти об ва аҳамияти он барои инсон сухан мегӯянд, балки бештар дар бораи истифодаи самараноки об андеша меронанд, ки чунин андешаҳо ва ғояҳо заминаи таълимоти ҳалли бемоҷарои масъала мегарданд. Аз ин ҷост, ки дар ибтидо муаллиф ба масъалаҳои методологӣ ва тарзи муносибати мушаххас ба такмил ва таҳкими сиёсати об ва амалишавии он таваҷҷуҳи хосае зоҳир менамояд.

Диссертант ба сиёсати об ҳамчун сиёсати соҳавӣ ва хусусиятҳои асосии он дар низоми сиёсии олам диққати хоса дода, ҷойгоҳи онро дар доираи сиёсати умумӣ муқаррар намудааст. Махсусиятҳои сиёсати соҳавиро нишон дода, нақши онро дар ҳалли масъалаҳои рӯз нишон додааст. Онро ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ тавсиф намуда, зарурат ва оқибатҳои истифодаи самараноки онро муайян намудааст.

Муаллиф ба масъалаҳои консептуалии омӯзиши сиёсати об ва хусусиятҳои хоси он таваҷҷуҳ намуда, таълимотҳои мухталифро дар бораи аҳамият ва зарурати истифодаи оқилонаи об ва захираҳои обӣ нишон дода, низоми истифода аз онҳоро дар раванди ҳалли масъалаҳои оби Осиёи Марказӣ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор додааст. Дар воқеъ, таълимоти зиёду гуногуне дар мавриди об ва масъалаҳои мухталифи истифодаи он иншо гардидаанд, ки ҳоло бештар арзиши методологӣ пайдо намудаанд. Аммо чунин ҳолатро дар мавриди илмҳои сиёсӣ пайдо кардан чандон осон нест. Шояд чунин ҳолати масъалаҳо низ асос доранд. Дар Давраи Советӣ дар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ масъалаи

истифодаи обҳои фаромарзӣ чандон хосияти муқовиматро пайдо намекарданд. Зеро муносибати комплексӣ ва дар доираи сиёсати ҳимояи манфиатҳои умумии давлати бузург ҳалли масъалаҳо ҳар гуна мухолифатҳоро аз байн мебурд. Аммо баъди таназзули низоми пешина ташаккули муносибатҳои самараноки ҳалли масъалаҳои истифодаи об бо мушкилиҳо ба даст меоянд. Чунин ҳолат дар адабиёти илмию сиёсӣ низ таҳқиқоти зарурирo пайдо накардааст. Аз ин ҷост, ки кори диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд аҳамияти калони илмию амалиро касб менамояд.

Диссертант масъалаи сиёсати об ва моҳияту хусусиятҳои он дар замони рушди истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таври хоса ибрози назар намуда, кӯшидааст, ки ҷанбаҳои гуногуни онро аз нигоҳи мухолифатҳо ва муқовиматҳои байни давлатҳои истифодабарандагони болооб ва поёноб мавриди натиҷагириҳо қарор диҳад. Ҳангоми иншои рисола аз маводҳои гуногун, аз ҷумла адабиёти махсуси илмӣ ва санадҳои меъёрӣ истифода намуда, заминаҳои ташаккул ва инкишофи сиёсат дар бораи обро дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, мушкилот, монеаҳои истифодаи самараноки захираҳои обиро дар минтақа нишон додааст. Махсусан, ба мушкилоти гидроэкологии баҳри Арал назар намуда, сабабҳо ва омилҳои асосии таъсирбахши онро муайян намудааст.

Дар муддати се даҳсолаи охир давлатҳои минтақа борҳо кӯшиш намудаанд, ки масъаларо омӯхта, роҳу воситаҳои ҳалли муваффақонаи онро пайдо намоянд. Мутаассифона, новобаста аз сершумории қарорҳои қабулнамуда, давлатҳои Осиёи Марказӣ натавонистанд, ки ба ҳадафҳо бирасанд ва яке аз мушкилоти асосии минтақаро аз байн бардоранд.

Муаллиф низоми ташаккул ва махсусиятҳои инкишофи сиёсати соҳавӣ дар бораи обро дар кишварҳои минтақа матраҳ намуда, хусусиятҳои зуҳури он, марҳилаҳо ва вазифаҳои мақсади амалигардонии

сиёсати давлатҳои минтақаро дар мавриди истифодаи самараноки об нишон додааст. Аҳамияти тағйиротҳои сиёсии замони навтарин дар минтақа ва низоми сиёсии олам, таъсири онҳо ба дарёфти асосҳои сиёсати мукаммал ва босубот дар бораи об ҳамчун унсури ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла ҳам масъалаҳои байналмилалӣ ва ҳам масъалаҳои дохилӣ тавсиф гардида, шаклҳои иштироки акторҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ҳалли проблемаҳои ҳамто муқаррар гардидаанд. Таҷрибаи сиёсии мамлакатҳои дигар, шароити мушаххаси таърихӣ, шароити сиёсӣ ва масъалаҳои инкишофи раванди самараноки истифодаи обро ба эътибор гирифта, диссертант мақом ва нақши институтҳои сиёсиро ҳамчун унсури асосии ҷомеаи муосир тавсиф намуда, бо мақсади муайян намудани имкониятҳои татбиқи мақсадноки сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ хулосаҳо ва пешниҳодоти мушаххас ба миён гузоштааст.

Диссертант ба низоҳои байниҳамдигарии давлатҳои минтақа вобаста ба масъалаҳои истифодабарии захираҳои обӣ ва миқдори он, заминаҳо, омилҳо ва сабабҳои чунин моҷароҳои байнимиллӣ ва зиёни онҳо ба муносибатҳои байнидавлатӣ маводи зиёдеро гардиши илмӣ дода, кӯшидааст, ки ба таври холисона мавқеъгирӣ намояд ва асли ҳодисаро нишон диҳад. Ба ҷанбаҳои назариявию методологии падида назар намуда, роҳҳои аз байн бурдани ихтилофҳо ва моҷароҳои байнидавлатиро дар шароити Осиёи Марказӣ дар шакли хулосагириҳо муқаррар намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои инкишофи мутаносиб ва муътадили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ – дипломатияи об, моҳият ва заминаҳои ташаккули он, ҷойгоҳи он дар ҳалли проблемаҳои гуногуни истифодаи об ва захираҳои обӣ мақоми сазовор пайдо намудааст. Муаллиф ба он ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳо ва таъмини инкишофи босуботи минтақа назар менамояд. Дипломатияи об ба яке аз меҳварҳои гардиши муносибатҳо ва дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мухталифи инкишофи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мегардад.

Муаллиф ҷойгоҳи «Раванди оби Душанбе»-ро дар ҳамгироии минтақавӣ ва глобалӣ ҳамчун намунаи муассир арзёбӣ намудааст.

Муаллиф масъалаҳо, монеаҳо ва мушкилотҳои гуногуни истифодаи амалии сиёсат дар бораи обро таҳлил намуда, пешомади онҳоро тарҳрезӣ намуда, омилҳои рушди онро нишон додааст. Дар баробари омилҳое ки бештар хосияти назариявию амалӣ доранд, ба омилҳои таълимӣ ва ё омӯзишӣ таваҷҷуҳи махсусеро ба миён гузоштааст. Аз ҷумла, пешниҳод намудааст, ки гидрополитика ҳамчун бахши донишҳои сиёсии омехта бояд пазируфта шавад. Он бояд дар гузориш ва ҳалли масъалаҳои марбут ба об ва истифодаи самараноки он ҷойгоҳи хосаро пайдо намояд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ муносибати хосае ба масъалаҳои об ва истифодаи самараноки он дар шароити муосири минтақаи Осиёи Марказӣ пеша гардидааст, ки имконият медиҳад ҳолатҳои таҳқиқшуда аниқ гарданд ва воқеияти наверо дар нисбати равандҳои минтақавии низоми сиёсии олами муосир пайдо ва ошкор созанд, хусусиятҳои асосии таҳкими тағйиротҳои сиёсиро дар мавриди сиёсат дар об ва истифодаи захираҳои обӣ дар шароити Осиёи Марказӣ муайян созанд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ аз мавқеи илмҳои сиёсӣ ҷараёни инкишофи равандҳои сиёсӣ ва махсусияти онҳо дар шароити Осиёи Марказӣ, бахусус дар мавриди истифодаи самараноки захираҳои обӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин хотир, методологияи таҳқиқу таҳлили онҳо, моҳияти иҷтимоии онҳо, махсусияти зоҳиршавӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Муаллифи рисола аҳамияти сиёсию илмии мавзуи интихобгардида, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ таҳқиқи онро нишон додааст. Махсусан, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити минтақаи аз ҷиҳати сиёсӣ шиддатнок ва муқовиматбори Осиёи Марказӣ аҳамияти барҷаста пайдо менамоянд.

Баҳсу мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди масъалаҳои мухталифи сиёсат дар бораи об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустақили таҳқиқоти хеш, таҳлили мафҳумҳои зиёду мухталиф, истилоҳот ва қонуниятҳо, муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ, ки бевосита ба масъалаҳои сиёсат дар бораи об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар минтақа ворид мегарданд, хусусиятҳои асосии рисолаи диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Муаллиф теъдоди зиёди таълифот ва корҳои нашриро гардиши илмӣ додааст, ки масъалаҳои сиёсат дар бораи об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар минтақа, махсусан, ҳамгироии низоми сиёсӣ олами муосир ва равандҳои истифодаи обро ба доираи баҳси илмӣ дохил намудааст.

Муаллифи рисола дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф дар соҳаи гидрополитика ҳамчун қисми таркибии илмҳои сиёсии муосир сатҳи баланди касбиятро пайдо намудааст ва қобилияти зарурӣ ба таҳқиқоти илмиро шарафёр гаштааст.

Рисола ба таври мантиқӣ баён гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд, хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб намудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Муаллифи рисола дониши амиқ ва маҳорати баланди истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти илмиро зоҳир намудааст. Рисола кори илмию таҳлилӣ тавассути унсурони таснифотии хоса ва мустақилонаю оригиналӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти муаллиф ҳолатҳои

назариявию методологӣ ва амалӣ таҳия гардидаанд. Навъи хоси ҳалли илмии масъалаҳо пешниҳод мегарданд, ки онҳоро метавон ба сифати муваффақияти илмӣ, ки аҳамияти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд, баҳогузорӣ намуд.

С.З. Қувватзода рисолае бо усули хос, методологияи қавӣ ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои Тоҷикистони муосир ва умуман, минтақаи Осиёи Марказӣ таҳия намудааст. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои инкишофи сиёсӣ аҳамияти муҳим дошта, дар дарки масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дарёфти ҳалли онҳо аҳамияти заруриро касб намудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ сатҳи баланди рӯзмаррагӣ ва навгониҳоро дошта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёр гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Мушовири илмӣ, доктори илмҳои
сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Г.Н.

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
gulmahmad.zokirov@mail.ru тел. 918 70 89 57

Имзои Г.Н. Зокировро тасдиқ мекунам.
Сардори идораи кадрхо ва қисми махсуси ДМТ Э. Тавқиев

13-уми апрели соли 2022